# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар марҳилаи кунунии рушди таҳсилот масъалаи муоширати педагогии омӯзгорон, махсусан, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ хеле мубрам гаштааст. Аз мавқеи вижагиҳои психологӣ ва синнусолӣ муоширати педагогии омӯзгор бо муҳассилини хурдсол махсусиятҳои худро дорад. Ғайр аз ин, таҷрибаи муоширати муҳассилини синфҳои ибтидоӣ ва шахсони калонсол то ҳол ба андозаи зарурӣ рушд наёфтааст.

Бо мақсади афзоиши сатҳу сифати таҳсилот нақш ва мавқеи омӯзгор хеле арзишманд аст. Сатҳи афзоиши фарҳанги омӯзгор қабл аз ҳама ба муоширати педагогии худи онҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз, масъала ва мушкилоти афзоиши сатҳу сифати муоширати педагогӣ байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва муҳассилин бо истифодаи нутқ ва гуфтори муассир ва корагари омӯзгор ва фарҳанги волои педагогӣ дар раванди омӯзишу парвариш муҳим ва арзишманд мебошад.

Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои фарҳанги муошират дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Г.Ҳоҷиматова, И.Х.Каримова, А.Мирализода, А.Нуров, Қ. Қодиров Б.Маҷидова, Ш.Шаропов, Ф. Гулмадов, С.С.Мирзоев, И.Ғуломов ва дар асарҳои олимони хориҷӣ А.А. Бодалева, В.А. Кан-Калика, Б.Ф. Ломова, А.В. Мудрик, В.Н. Мясишев ва дигарон мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шудаанд.

Мувофиқи авторефати диссертатсия маълум мегардад, ки рисолаи илмӣ дорои муқаддима, 2 боб, хулоса, 13 ҷадвал, 12 расм ва 198 адабиёт иборат буда дар 176 саҳифа таҳия гардидааст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуда, дастгоҳи илмии автореферати диссертатсия тарҳрезӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Масъалаи баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошират педагогӣ»** ҷанбаи педагогии масъалаи мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ, муошират педагогӣ ва нақши он дар мутобиқшавии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсияи худ Давлатов М.А. **“Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ”** ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ хулосабарорӣ намудааст.

Мақсад, мундариҷа ва усулҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқотро унвонҷӯ ҳангоми кори таҷрибавӣ-озмоишӣ истифода бурда, натиҷаи онро тавассути ҷадвалҳо дарҷ намудааст.

Муҳаққиқ таҳқиқоти илмии худро дар 6 муассисаи таҳсилоти умумии шаҳри Кӯлоб ва Филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб гузаронидааст.

Муқаррароти назариявӣ дар ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, дар шароити табиии раванди таълим дар омӯзиши омӯзгорони ҷавон, курсҳои махсуси давраи таҷрибаи касбии омӯзгорӣ амалӣ карда шудааст. Дар озмоиш 144 нафар, аз ҷумла 80 омӯзгор, 64 донишомӯз ширкат варзиданд.

Автореферати диссертатсия босаводона, бо забони илмӣ ва фаҳмо таҳия гардида, дар он масъалаҳо пай дар пай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои ба дастомада ифодагари онанд, ки унвонҷӯ доир ба мавзуи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқиқот ҷиддӣ кор бурдааст. Ба хотири инъикоси хубтари

мавзуъ унвонҷӯ дар рисолаи хеш аз расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда васеъ истифода намудааст.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 16 мақола ва 1 монография нашр намудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар автореферати рисолаи мазкур, дар баробари муваффақиятҳои зиёд, баъзе нуксонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам афзудани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд:

1.Дар баъзе аз саҳифаҳо саҳву иштибоҳоти имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар мерасад (саҳ 3,7,8,11 ва чанде дигар);

2.Таносуби ҳаҷм ва андозаи тавсифи бобу хулосаҳои бобҳо дар автореферат андак халалдор шудааст;

3.Шояд аз сабаби мавҷуд набудани рисолаи илмӣ ва ё кори илмӣ-таҳқиқотии пурра дар илми педагогикаи тоҷик бошад, аммо ба ҳар ҳол таносуби адабиётҳо ба забони тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ ва зикри иқтибосот дар автореферат ба назар нопурратар мерасад.

Пешниҳоду эрод ва мулоҳизаҳои мо ҷанбаи ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши асосии назариявию амалии рисоларо коҳиш дода наметавонанд.

Дар асоси автореферат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи илмии Давлатов М.А. дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» таҳқикоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Дар автореферати диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода карор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ

бо эътимоди кофӣ мухтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси матни автореферати диссертатсияи Давлатов М.А. дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба бандҳои 76, 77 ва 79-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатов Мирали Абдусамадович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи
барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз
Раҷабович

05.09.2022 с.
Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Борбад, 48/5.
Тел: 918636113;E-mail: aziz69@mail.ru

Имзои А. Мирзоевро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

05.09.2022 с.